**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 4.07.2026, №27

Барои сазовор донистани **Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна** барои таълифи диссертатсия дар мавзуи **“Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи **Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна** дар мавзуи **“Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, таҳти №53/шд) 21-уми апрели соли 2026, суратмаҷлиси №9 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна 14-уми июли соли 1994 дар шаҳри Кӯлоб ба дунё омадааст. Соли 2012 литсейи №2-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ хатм намудааст. Номбурда соли 2018 зинаи магистратураи Донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ хатм намудааст.

Аз соли 2018 то соли 2023 ба ҳайси ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва аз соли 2023 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони

кафедраи филологияи англис дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба фаъолият машғул аст.

**Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна** аз 04.10.2021, №19 ба ҳайси докторант (PhD)-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021000 – Филологияи хориҷӣ қабул шуда, 21-уми июни соли 2024 ин зинаро хатм намудааст.

Бояд зикр намуд, ки номбурда дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 03.03.2026, №38) фарқиятҳои академиро аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) супоридааст.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 26.01.2022, №6/4-16 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 26 декабри соли 2025, №49 дар бораи супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ ба диссертант маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Ҷамшедов Парвонахон** мебошад.

**Муқарризони расмӣ: Мухторов Зайнидин Мухторович** – доктори илмҳои филологӣ, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе ва **Раҳимзода Муҳаммадназар Сафар** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, номзади илмҳои

филологӣ Комилов Мирато Миршаробович, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ Ҷурақулов Бозоралӣ Раҳмоналиевич – котиби илмии ҷаласа номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Каримова Дилафруз Насибовна имзо гардида, бо имзоюю муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи **Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна** дар мавзуи **«Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)»** ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М]. Ибодова, С.М.** Мафҳум ва мавқеи масдар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2022. – №3 (28). – С. 36-44.

**[2-М]. Ибодова, С.М.** Масдар ва хусусиятҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 65-71.

**[3-М].** Холиқзода, М.З., **Ибодова С.М.** Масдар ҳамчун шакли ибтидоии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М.З. Холиқзода, **С.М. Ибодова** // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогикӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №1 (53). – С. 45-53.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[4-М]. Ибодова, С.М.** Назарияи шаклҳои ғайришахсии феъл (масдар) дар забони англисӣ / С.М. Ибодова // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат" ва "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" (солҳои 2020-2040). – Кӯлоб, 2022. – Ҷ.2. – С. 100-102.

**[5-М]. Ибодова, С.М.** Масдар ва мавқеи он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи "Байналмилалии забони модарӣ" ва амалигардонии "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (ДДОТ ба номи С. Айнӣ). – Душанбе, 2023. – С. 51-54

**[6-М]. Ибодова, С.М.** Баррасии вазифаҳои сифати феълӣ дар ҷумлаҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқӣ "Тарҷуманопазирӣ". – Душанбе, 2024. – С. 619-626.

**[7-М]. Ибодова, С.М.** Вазифаҳои асосии синтаксисии масдар дар истифодаи ҷумлаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / С.М. Ибодова // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантону докторантон ва магистрантони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои

хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, “Масъалаҳои мубрами филологияи англис”. – Душанбе, 2024. – С. 62-65.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ **Бобоева Мадина Маруфовна** мусбат буда, ба автореферат ду эрод манзур намудааст:

1.Фикру андешаҳои диссертант дар фасли сеюми боби сеюм оид ба герундий тавассути мисолҳо шарҳ наёфтааст;

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо метавонанд ба беҳтар шудани кор мусоидат намоянд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Ҳусейнова Гулпарӣ Аҷикулоевна** мусбат буда, ба автореферат се эрод пешниҳод намудааст:

1. Дар автореферат дар фасли сеюми боби дуюм, ки ба масъалаи таҳлили вазифаҳои наҳвии масдар дар ҷумлаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст, вазифаҳои наҳвии масдар дар забони англисӣ нишон дода шудааст. Хуб мешуд, вазифаҳои наҳвии масдар дар забони тоҷикӣ низ ҳаллу фасли худро меёфтанд;
2. Дар автореферат сухан дар бораи вазифаҳои наҳвии сифати феълӣ равад ҳам, аммо дар кор танҳо ба вазифаи муайянкунанда омадани он ишора шуда, дигар аъзои ҷумла сарфи назар гардидаанд;
3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат хатоҳои техникӣ ва имлоӣ мавҷуданд (саҳ. 8, 15, 18 ва ғ.).

**3.Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” **Олматова Шарофат Сафаралиевна** мусбат буда, дар радифи ёдоварӣ аз муваффақиятҳои диссертант эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар зерфасли чоруми боби дуюм нақши масдар дар ташаккули иборахо, танхо роххои ташаккули иборахои забони англисӣ тавассути масдар таҳлил гардидаанд, сарфи назар аз он ки дар забони тоҷикӣ низ масдар дар ташаккули иборахо нақши назаррас дорад ва дар баъзе бахшҳои диссертатсия пас аз андешаҳои пайдарпайи муҳаққиқон тақвияти андешаи худи муаллифи диссертатсия мушоҳида нагардид;

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 4, 8, 14, 15, 20) ба назар расид, киислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертацияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- докторант Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна бори нахуст ба таҳқиқи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар заминаи асарҳои илмию бадеӣ ва муайян кардани вижагиҳои онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пардохта, кори илмии муҳим ва арзишманд **ба анҷом расонидааст;**

- роҳу воситаҳои ифодаи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл, таснифоти онҳо, хусусиятҳои дастурӣ ва корбурди онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифта, фарқияту умумияти онҳо дар заминаи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шуданд**;

- масъалаҳои марбут ба шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ баррасӣ шуда, вижагиҳои дастурӣ ва воситаҳои интиқоли онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва баръакс дар заминаи матнҳои илмӣ ва бадеӣ **муайян шудаанд;**

- умумият ва хусусиятҳои хоси шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **собит шудааст;**

- категорияи дастурии шаклҳои тасрифнашавандаи феъл ва вазифаи онҳо дар ҷумлаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **нишон дода шудааст.**

- дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёти илмию бадеӣ хусусиятҳои сохторӣ ва маънoии шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври мушаххас **муайяну муқаррар карда шуданд.**

- вижагиҳои маъноию дастурии герундий дар забони англисӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ, ҳамзамон, хусусиятҳои хоси феъли ҳол дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони англисӣ **ошкор карда шуданд.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ бо он асоснок карда шудаанд, ки хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар самти омӯзиши муқоисавии шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забони тоҷикӣ ва дигар забонҳо хизмат намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқ, инчунин, барои рушди забоншиносии умумӣ, забоншиносии муқоисавӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалӣ, назария ва амалияи тарҷума аҳаммияти назаррас доранд.

Аз ин рӯ, натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун дастури амалӣ барои мутахассисони соҳаи тарҷума ва забоншиносӣ истифода шаванд. Дар диссертатсия роҳҳо ва воситаҳои ифодаи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил гардида, умумиятҳо ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо муайян шудаанд. Ҳамзамон, усулҳои интиқоли шаклҳои тасрифнашавандаи феъл аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва баръакс мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки метавонанд дар фаъолияти тарҷумонӣ ва таҳқиқоти муқоисавии забонҳо ҳамчун дастури илмӣ ва амалӣ истифода гарданд. Нуктаҳои асосӣ ва амалии таҳқиқ метавонанд ҳангоми пажуҳишҳои муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани дастурҳои таълимӣ барои факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гиранд.

Мавод, хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми таҳия ва тадриси курсҳои лексионӣ аз фанҳои типологияи муқоисавии забонҳо, забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ, инчунин, дар омӯзиши курсҳои

махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва дигар муҳаққиқон истифода шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар омода намудани рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назариявӣ таҳқиқи илмӣ ва таълифоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла, М.Я. Блох, В.Н. Жигадло, А.И. Смирнитский, Б.А. Илиш, И.П. Иванова, Е.А. Корнеева, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, А. Мирзоев ва дигарон истифода шудаанд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар раванди таълими машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ аз фанни забоншиносӣ, бахусус, забоншиносии муқоисавӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалии забони тоҷикӣ, типологияи муқоисавӣ, инчунин, грамматикаи назариявӣ ва амалии забони англисӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, онҳо зимни омӯзиши шаклҳои тасрифшаванда ва тасрифнашавандаи феъл мавриди татбиқ қарор гирифта метавонанд.

Маводди диссертатсия метавонанд дар таҳияи асарҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ, инчунин, дар омода намудани фарҳангномаҳои соҳавӣ ва баррасии масъалаҳои гуногуни марбут ба шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо саҳеҳии маълумот, маводди кофии таҳқиқӣ, коркарди илмии натиҷаҳо, ҳаҷми интишорот ва анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ таҳия гардидаанд. Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо истифодаи усулҳои муқоисавӣ-татбиқӣ, синхронӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ таъмин мегардад, ки онҳо барои дуруст ба роҳ мондани равандҳои тарҷума ва муайян намудани хусусиятҳои интиқоли шаклҳои тасрифнашавандаи феъл аз забони асл ба забони тарҷума мусоидат мекунанд. Ин равандҳо барои донишандӯзон ва мутахассисони соҳаҳои забоншиносӣ,

забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва тарҷумашиносӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Хулоса, натиҷа ва тавсияҳо роҷеъ ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар заминаи пажуҳиш, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, амалӣ ва муқоисавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсияи Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳои боэътимод ва таҳқиқи осори назариявӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии муҳаққиқ дар он ифода меёбад, ки ӯ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик шаклҳои тасрифнашавандаи феълро дар заминаи осори илмӣ ва бадеӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, хусусиятҳои умумӣ ва хоси сохторию маъноӣ ва корбурди онҳоро дар забонҳои мавриди назар муайян намудааст. Маводди назариявӣ ва амалии ҷамъовардаи муҳаққиқ арзиши баланди илмӣ дошта, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ саҳми муҳим мегузоранд. Илова бар ин, саҳми муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар тӯли солҳои зиёд ба омӯзиш ва таҳқиқи мустақилонаи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси манбаъҳои илмӣ ва бадеӣ машғул шуда, як қатор мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст ва дар ҳамоишҳои гуногуни илмӣ бо маърӯзаҳо иштирок кардааст. Ҳамзамон, муҳаққиқ маводди таҳқиқро мустақилона ҷамъоварӣ намуда, намунаҳоро аз адабиёти бадеӣ таҳлил кардааст ва роҳу усулҳои интиқоли шаклҳои тасрифнашавандаи феълро муайян намудааст, ки ҳамаи онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқ буда, натиҷаи фаъолияти мустақилонаи ӯ мебошанд.

Пешниҳод, коркард, таҳлилу баррасии диссертатсия аз фаъолияти илмию ҷустуҷӯҳои мустақилонаи муаллиф шаҳодат медиҳанд ва саҳми шахсии ӯро дар гирдоварӣ ва таҳқиқи манобеи илмию амалӣ роҷеъ ба шаклҳои тасрифнашавандаи ду забони муқоисашаванда ва, дар ин замина, муайян намудани хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва вижагиҳои фарқкунандаи онҳо мушаххас мекунанд.

Ибодова С.М. бо истифода аз равишҳои илмии риштаи забоншиносӣ дар баррасии масъалаҳо, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти минбаъда, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 4-уми июли соли 2026 дар бораи сазовор донистани **Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна** бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, №53/шд) 15 нафар, аз ҷумла, 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нестанд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳ.Т.

«4» июли соли 2026